# INTOSAI-P 12

## Аҳамият ва бартарии мақомоти олии аудит ба ҳаёти шаҳрвандон

Стандартҳои байналхалқии ташкилотҳои мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ) аз ҷониби Ташкилоти байналхалқии мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ), дар доираи эъломияи касбии ИНТОСАИ нашр карда мешавад. Барои гирифтани маълумоти пурра нигаред: вебсайт www.issai.org

e issue
nternation
upreme Auc
itutions, INTOSAI, as part
the INTOSAI Framework
Professional Pronouncement
For more information vis
www.issai.or

INTOSAI

INTOSAI

INTOSAI, 2019

1) Қаблан ҳамчун ISSAI12 маъмул буд.

2) Соли 2013 тасдиқ карда шудааст.

3) Бо таъсиси Системаи эъломияи касбӣ (IFPP), ба INTOSAI-P 12, бо таҳрири нав дар соли 2019 ивази ном карда шуд.

INTOSAI-P 12 бо ҳамаи забонҳои расмии ИНТОСАИ дастрас аст: арабӣ, англисӣ, франсузӣ, олмонӣ ва испанӣ.

# Мундарича

**Пешгуфтор**

**ТАҲКИМИ ҲИСОБОТДИҲӢ, ШАФФОФИЯТ ВА ПОКВИҶДОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ҲУКУМАТӢ ВА ДАВЛАТӢ**

***ПРИНСИПИ 1: Ҳифзи мустақилияти МОА***

**ПРИНСИПИ 2: Амалӣ намудани аудитҳо барои таъмини ҳисоботдиҳии муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ ҳангоми идоракунӣ ва истифодаи захираҳои давлатӣ**

**ПРИНСИПИ 3: Ҷудо намудани ваколатҳои мақомоте, ки соҳаи давлатиро идора мекунанд, доштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо барои рӯ овардан ба натиҷаҳои аудитҳо ва ба инобат гирифтани тавсияҳои МОА, ҳамчунин ба амал баровардани чораҳои ислоҳкунӣ**

**ПРИНСИПИ 3: Ҷудо намудани ваколатҳои мақомоте, ки соҳаҳои давлатиро идора мекунанд, доштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо барои рӯ овардан ба натиҷаҳои аудитҳо ва ба инобат гирифтани тавсияҳои МОА, ҳамчунин амалӣ намудани чораҳои ислоҳкунӣ**

**ПРИНСИПИ 4**

**ТАСДИҚИ АҲАМИЯТНОКИИ ДОИМӢ БАРОИ ШАҲРВАНДОН, ПАРЛУМОН ВА ДИГАР ТАРАФҲОИ МАНФИАТДОР.**

**ПРИНСИПИ 5: Имконияти эътибор додан ба муҳити тағйирёбанда ва хавфҳои бавуҷудомада**

**ПРИНСИПИ 6: Ҳамкории самаранок бо тарафҳои манфиатдор**

**ПРИНСИПИ 7: Нуфузи сарчашмаи маълумотҳои объективӣ ва мустақил ва тавсияҳое, ки лоиқи боварӣ ҳастанд ва ба тағйиротҳои мусбӣ дар соҳаи давлатӣ мусоидат менамоянд.**

***МУТОБИҚАТИ ТАШКИЛОТИ НАМУНАВӢ, КИ БАРОИ ДИГАРОН НАМУНА МЕБОШАНД.***

***ПРИНСИПИ 8:Таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии друсти МОА***

***ПРИНСИПИ 9: Таъмини идоракунии зарурии МОА***

***ПРИНСИПИ 10: Иҷрои Кодекси ахлоқи МОА***

***ПРИНСИПИ 11: Кӯшиш намудан ба сифати баланди хизматрасониҳо***

***ПРИНСИПИ 12: Такмили иқтидор тавассути мусоидат ба омӯхиш ва мубодилаи таҷриба***

***ЗАМИМА – Сарҳади таъсири МОА ба ҳаёти шаҳрвандон аз МОА вобаста аст***

**ЗАМИМА** *12 принсипҳои аҳамиятнокӣ ва бартарии МОА аз рӯи ҳар яке аз мақсадҳо*

## Пешгуфтор

1) Аудити бахши давлатӣ - тавре, ки мақомоти олии аудит пешниҳод мекунанд (минбаъд - МОА), омили муҳимест, ки ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир мерасонад. Аудити мақомоти ҳукуматӣ ва давлатӣ аз ҷониби МОА ба сатҳи эътимод дар ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонад, зеро он ба онҳое, ки ба онҳо захираҳои давлатӣ бовар карда шудаанд, имкон медиҳад, ки ба истифодаи беҳтарини МОА диққат диҳанд. Дарк кардани ин ҳолат ба тақвияти арзишҳои матлуб мусоидат менамояд ва асоси механизми ҳисоботдиҳӣ, ки дар навбати худ сифати қарорҳои қабулшударо беҳтар мекунад, маҳсуб меёбад. Ҳангоми маълум шудани натиҷаҳои аудитҳои МОА гузаронида, шаҳрвандон имконият пайдо мекунанд пурсанд, ки захираҳои ҷамъиятӣ ба ки бовар карда шудааст. Ин ба МОА имкон медиҳад, ки самаранокӣ, ҳисоботдиҳӣ, натиҷанокӣ ва шаффофияти идоракунии давлатиро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, МОА-и мустақил, самаранок ва эътимоднок як ҷузъи муҳими системаи демократӣ мебошад, ки дар он масъулияти ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва покviҷдонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи демократияи устувор мебошанд.

2) Дар шароити демократия сохторҳо таъсис дода мешаванд ва намояндагоне интихоб мешаванд, ки ваколатдори иҷрои иродаи мардум мебошанд ва аз номи онҳо тавассути мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия амал мекунанд. Хавфе, ки бояд дар фаъолияти муассисаҳои сектори давлатӣ дар шароити демократия ба назар гирифта шавад, идоракунии нодуруст ва сӯиистифода аз ваколатҳои ҳокимият ва захираҳое мебошад, ки эътимодро барбод медиҳанд ва ба бунёди низоми демократӣ таҳдид мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки шаҳрвандони кишвар имкон дошта бошанд, ки намояндагони худро пурсанд. Аз намояндагони ба таври демократӣ интихобшуда танҳо он ҳолате пурсида мешавад, ки оё онҳо дар навбати худ метавонанд аз онҳое, ки қарорҳои худро иҷро мекунанд, бипурсанд. Мувофиқи рӯҳияи Эъломияи Лима[2], унсури муҳими давраи ҳисоботдиҳӣ ин МОА мустақил, самаранок ва эътимодбахш маҳсуб меёбад, ки вазифаи назоратиро доир ба санҷиши истифодаи захираҳои давлатӣ иҷро менамояд

3) Кор ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ба мақомоти олии аудит масъулияти иловагиро, ки аз зарурияти тасдиқ намудани аҳамияти доимии худ барои шаҳрвандон, парлумон ва дигар тарафҳои манфиатдор[3] иборат мебошад, вогузор менамояд. МОА метавонад аҳамиятнокии худро бо роҳи вокуниши мувофиқ ба мушкилоти шаҳрвандон, интизориҳои ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, хавфҳои пайдошуда ва муҳити тағйирёбандае, ки дар он санҷишҳо гузаронида мешаванд, исбот кунанд. Дар ин маврид, муҳим аст, ки МОА муколамаи босамар ва таъсирбахшро бо ҷонибҳои

манфиатдор оид ба саҳми онҳо дар такмили бахши давлатӣ нигоҳ доранд. Ин ба МОА имкон медиҳад, ки ба сифати манбаи мустақил ва объективии иттилоот эътимод дошта бошанд, то дар соҳаи давлатӣ тағйироти мусбат ба даст оранд.

4) Барои он, ки МОА барои манфиати потенсиалӣ барои шаҳрвандони худ фаъолият кунад, онҳо бояд нуфузи бо эътимод дошта бошанд. МОА танҳо он вақт эътимоднок мебошанд, агар онҳо аз ҷиҳати эътимоднок, салоҳиятдор, мустақил ва барои амалҳои худ ҳисоботдиҳанда эътироф карда шаванд. Барои ин, онҳо бояд муассисаҳои намунавӣ шаванд ва барои бахши давлатӣ ва дар маҷмӯъ соҳаи аудит намунаи ибрат бошанд.

5) Принсипҳое, ки дар ин ҳуҷҷат оварда шудаанд, дар атрофи ғояи асосии оне, ки МОА ба ҳаёти одамон таъсири мусбӣ мерасонад сохта шудааст. Имкониятҳои МОА барои расонидани чунин таъсири мусбат аз МОА мушаххас вобаста аст:

5.1) Таҳкими принсипҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва поквиҷдонӣ дар муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ;

5.2) Нишон додани аҳамияти пайваста барои шаҳрвандон, парлумон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ҳамчунин;

5.3) Доштани нуфузи ташкилоти намунавӣ, ки ба дигарон намуна мебошад

6) Фаъолияти МОА мутобиқи мандатҳо ва моделҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Аммо, ин ҳадафҳо ва принсипҳо ба он нигаронида шудааст, ки МОА бояд ба онҳо кӯшиш кунанд ва ҳамаи МОА имконияти маълумотдиҳӣ дар бораи аҳамият ва бартариҳое, ки онҳо метавонанд ба демократия ва ҳисоботдиҳӣ дар доираи дахлдори ҳуқуқии худ дода метавонанд. Ин принсипҳо ҳам ба кормандони МОА[4] ва ҳам барои онҳое, ки ба манфиати МОА[4] кор мекунанд дахл дорад. Ҳамчунин ҳавасманд карда мешаванд, ки МОА онҳоро татбиқ намоянд ва иҷрои ин муқаррарот аз ҷониби онҳо барои муҳити дахлдор бо усули нисбатан мувофиқтар баҳо дода шаванд.

## ТАҲКИМИ ҲИСОБОТДИҲӢ, ШАФФОФИЯТ ВА ПОКВИҶДОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ҲУКУМАТӢ ВА ДАВЛАТӢ

Барои он, ки шахсони мансабдори интихобшуда ба манфиатҳои беҳтарини шаҳрвандони худ, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд, амал кунанд, муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ бояд оид ба идора ва истифодаи захираҳои давлатӣ ҳисобот диҳанд. МОА ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва поквиҷдониро тавассути аудити мустақили амалиётҳо дар бахши давлатӣ мустаҳкам мекунанд. Ин ба шахсони масъули идоракунии бахши давлатӣ имкон медиҳад, ки ӯҳдадориҳои худро дар посух ба хулосаҳои аудиторӣ ва тавсияҳои онҳо, ҳангоми ислоҳи хатогиҳо иҷро кунанд ва бо ин роҳ принсипи ҳисоботдиҳиро ба хулосаи мантиқӣ расонад.

**ПРИНСИПИ 1: Ҳифзи мустақилияти МОА**

1) МОА бояд барои рушд, ҳимоя ва нигоҳдории мақомоти конститутсионӣ ва қонунгузории мувофиқ ва самаранок кӯшиш кунанд.

2) МОА бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки мустақилияти роҳбарон ва аъзоёни МОА (дар сохтори коллегиалӣ), аз ҷумла кафолати нигоҳ доштани мансаб ва дахлнопазирии қонунӣ тибқи қонун, ки аз иҷрои муқаррарии вазифаҳои хизматӣ бармеояд, таъмин карда шавад.

3) МОА бояд ваколатҳо ва ҳуқуқи озодона истифода бурдани вазифа ва масъулиятҳои худро оид ба такмил додани идоракунии фондҳои давлатӣ истифода баранд.

4) МОА бояд ба ҳама маълумоте, ки барои иҷрои вазифаҳои қонунии онҳо лозим аст, дастрасии номаҳдуд дошта бошад.

5) МОА бояд аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ истифода бурда, дар бораи кори худ мустақилона ҳисобот диҳанд.

6) МОА бояд дар интихоби мундариҷа ва басомади ҳисоботи худ озод бошанд.

7) МОА бояд механизмҳои лозимии назорати пайгирии хулосаҳои аудиторӣ ва тавсияҳоро дошта бошанд.

8) МОА бояд барои нигоҳ доштани мустақилияти молиявӣ, идоракунӣ ва маъмурӣ ва захираҳои кофии инсонӣ, моддӣ ва молиявӣ талош кунанд.

9) МОА бояд оид ба ҳама гуна масъалаҳое, ки метавонанд ба иҷрои ваколаташон ва мутобиқи ваколат ва ё қонунгузории онҳо таъсир расонанд, гузориш диҳанд.

**ПРИНСИПИ 2: Гузаронидани аудитҳо бо мақсади таъмини масъулияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ дар идоракунӣ ва истифодаи захираҳои давлатӣ.**

1) Бо назардошти ваколатҳои худ ва стандартҳои касбии амалкунанда, МОА метавонад аудитҳои зеринро гузаронад, ки ҳама ё баъзеи онҳо дар алоҳидагӣ гузаронида мешаванд:

а) Аудити иттилооти молиявӣ[6] ва дар мавриди зарурӣ, ғайримолиявӣ

б) Аудити фаъолият[7]

в) Тафтиши мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ[8]

2) МОА ҳамчунин мутобиқи ваколатҳои худ, метавонанд фаъолиятҳои дигарро иҷро кунанд, масалан, назорати судӣ ё тафтишоти истифодаи захираҳои давлатӣ ё масъалаҳои марбут ба манфиатҳои ҷамъиятӣ[9].

3) МОА бояд мутобиқи ваколати худ ба хавфҳои вайронкуниҳои молиявӣ, қаллобӣ ва коррупсия вокунишҳои мувофиқро ба роҳ монанд.

4) МОА ӯҳдадоранд ҳисоботи аудиториро тибқи ваколатҳои худ ба қонунгузорӣ ё дигар мақомоти масъули давлатӣ пешниҳод намоянд

**ПРИНСИПИ 3: Ба мақомоти салоҳиятдоре, ки сектори давлатиро идора мекунанд, ҳуқуқ ва масъулият доранд, ки ба натиҷаҳои аудиторӣ вокуниш нишон диҳанд ва тавсияҳои МОА-ро ба инобат гиранд ва чораҳои ислоҳӣ андешанд**

1) Дар ҳолати зарурӣ, МОА бояд алоқаи хубро бо аудиторҳо ва дигар ҷонибҳои дахлдор таъмин намуда, ҳангоми санҷиш дар бораи масъалаҳои муайяннамудаи МОА дар вақти санҷиш аз рӯи муаммоҳои ошкорнамудаи МОА ба таври зарурӣ огоҳ карда шаванд.

2) МОА бояд мутобиқи ваколатҳои худ ба ҳокимияти қонунгузорӣ, мақомоти он ё мақомоти роҳбарикунандаи субъектҳои санҷишшаванда маълумоти зарурӣ, воқеъӣ ва саривақтӣ пешниҳод намояд.

3) МОА бояд ҳисоботи аудити худро аз нав дида бароянд, то мавзӯъҳо, натиҷаҳои умумӣ, тамоюлҳо, сабабҳои решакан кардани вайронкуниҳо ва тавсияҳои аудит баррасӣ карда шаванд ва хулосаҳои аудиторӣ бо ҷонибҳои манфиатдор муҳокима карда шаванд

4) МОА бояд бидуни вайрон кардани мустақилияти худ оид ба он, ки чӣ гуна натиҷаҳо ва бозёфтҳои аудити онҳо метавонанд ба манфиати ҳадди аксар истифода шаванд, масалан тавассути таҳияи роҳнамои таҷрибаи пешқадам, тавсияҳо диҳад.

5) МОА бояд равобити касбӣ бо мақомоти назорати танзимкунанда ва аудиторҳои марбутаро рушд диҳанд, то ба онҳо дарки ҳисоботҳо ва хулосаҳои аудиторӣ кӯмак кунанд ва чораҳои дахлдор андешанд.

6) МОА бояд барои назорат аз ҷониби аудитор дар асоси тавсияҳои МОА масъулияти кофӣ дошта бошанд

**ПРИНСИПИ 4: Пешниҳод кардани гузоришҳои аудитӣ, ки ба ҷамъият имкон медиҳанд аз мақомоти давлатӣ ва ҳукуматӣ ҳисоботдиҳиро талаб кунанд**

1) МОА бояд маълумоти объективиро бо забони содда ва фаҳмо пешниҳод намоянд, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор фаҳманд.

2) МОА бояд ҳисоботҳои худро сари вақт ва фосилавӣ интишор кунанд.

3) МОА бояд таъмин намоянд, ки ҳисоботи онҳо бо истифода аз воситаҳои мувофиқи иртибот барои ҳама ҷонибҳои манфиатдор дастрас карда шавад.

## ТАСДИҚИ ДОИМИИ АҲАМИЯТНОКӢ БАРОИ ШАҲРВАНДОН, ПАРЛУМОН ВА ДИГАР ТАРАФҲОИ МАНФИАТДОР

МОА арзиши бардавомро тавассути ҷавоб додани мувофиқ ба мушкилоти шаҳрвандон, интизориҳои ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, хавфҳои пайдошуда ва муҳити тағйирёбандаи аудит тасдиқ мекунанд. Ғайр аз он, барои ба даст овардани эътимод ба амал дар самти тағйироти мусбӣ, муҳим аст, ки МОА дар бораи пешрафтҳо дар бахши васеъи давлатӣ огоҳии хуб доранд ва дар муколамаи пурмӯҳтаво бо ҷонибҳои манфиатдор оид ба чӣ гуна кори МОА дар такмили бахши давлатӣ саҳм дошта метавонанд.

**ПРИНСИПИ 5: Қобилияти вокуниш ба муҳити тағйирёбанда ва хатарҳои пайдошуда**

1) МОА бояд аз интизориҳои ҷонибҳои манфиатдор огоҳӣ дошта бошанд ва саривақт ва бе зиён ба мустақилияти онҳо ҷавоб диҳанд.

2) Ҳангоми таҳияи нақшаҳои корӣ,МОА бояд масъалаҳои муҳимро, ки ба ҷомеа таъсир мерасонанд, ба назар гирад.

3) МОА бояд хавфҳои тағирёбанда ва пайдошавандаро дар минтақаи тафтишшаванда арзёбӣ кунанд ва ба онҳо саривақт вокуниш нишон диҳанд, масалан, тавассути ташкили механизмҳои мубориза бо вайронкунии молиявӣ, қаллобӣ ва коррупсия.

4) МОА бояд дар ҳолатҳои зарурӣ интизориҳои ҷонибҳои манфиатдор ва хавфҳои пайдошударо дар нақшаҳои стратегӣ, корӣ ва аудит ба назар гиранд.

5) МОА бояд аз масъалаҳои ҷории дар форумҳои дохилӣ ва байналмилалӣ муҳокима шуда, бо хабар бошад, агар имкон бошад, дар онҳо ширкат варзад.

6) МОА бояд механизми ҷамъоварии иттилоот, қабули қарорҳо ва андозагирии фаъолиятро барои баланд бардоштани арзиши онҳо ба ҷонибҳои манфиатдор таъсис диҳанд

**ПРИНСИПИ 6: Ҳамкории муассир бо ҷонибҳои манфиатдор**

1) МОА бояд ҳамкориро ҷиҳати тақвияти фаҳмиши ҷонибҳои манфиатдор дар бораи нақш ва масъулиятҳои МОА ҳамчун аудитори мустақили бахши давлатӣ ҷалб намоянд

2) Иртиботи МОА бояд огоҳии ҷонибҳои манфиатдорро оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар бахши давлатӣ баланд бардорад.

3) МОА бояд бо ҷонибҳои манфиатдор барои таъмини фаҳмиши кори аудити МОА ва натиҷаҳои он тамос гиранд.

4) МОА барои мусоидат намудан ба расонидани иттилоот ба шаҳрвандон[12] бояд бо ВАО ҳамкории мувофиқ дошта бошанд

5) МОА бояд бо ҷонибҳои манфиатдор кор карда, нақшҳои мухталифи худро эътироф кунанд ва нуқтаи назари онҳоро бидуни поймол кардани мустақилияти МОА истифода

баранд.

6) МОА бояд баҳо диҳанд, то муайян кунанд, ки иртибот бо МОА аз ҷониби тарафҳои манфиатдор самаранок ҳисобида мешаванд.

**ПРИНСИПИ 7: Нуфуз ҳамчун манбаи эътимодбахши маълумоти мустақил ва беғаразона ва маслиҳатҳо барои мусоидат ба тағироти муфид дар сектори давлатӣ**

1) Фаъолияти МОА бояд ба хулосаи мустақили касбӣ, таҳлили самаранок ва амиқ асос ёбад.

2) МОА бояд дар мубоҳисаҳо оид ба такмил додани бахши давлатӣ бидуни вайрон кардани мустақилияти худ саҳм гузоранд

3) МОА ҳамчун шарикони фаъоли аудиторҳои бахши давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, бояд дониш ва маълумоти худро барои пешбурди ислоҳоти бахши давлатӣ, масалан дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ, истифода барад.

4) МОА бояд ба таври даврӣ баҳо диҳанд, ки оё ҷонибҳои манфиатдори МОА самаранок ва саҳмгузориро дар такмили бахши давлатӣ муайян мекунанд.

5) МОА бояд дар сатҳи байналмиллалӣ дар INTOSAI ва бо дигар ташкилотҳои дахлдори касбӣ барои тақвияти накши ҷамоаи МОА дар ҳалли масъалаҳои глобалии марбут ба аудити бахши давлатӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ҳисоботдиҳӣ ҳамкорӣ кунанд.

## МУТОБИҚАТИ ТАШКИЛОТИ НАМУНАВӢ, КИ БАРОИ ДИГАРОН НАМУНА МЕБОШАД

МОА бояд ба боварӣ даромада бошанд. Эътимоднокии он аз эътибори он ҳамчун як мақоми мустақил ва салоҳиятдор вобаста аст, ки дар бораи фаъолияти худ ошкоро гузориш медиҳад. Барои он, ки ин имконпазир гардад МОА бояд ба дигарон намуна бошад.

**ПРИНСИПИ 8: Таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии дурусти МОА**[13]

1) МОА бояд вазифаҳои худро тавре иҷро кунад, ки ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва идоракунии самаранокро таъмин намояд

2) МОА бояд вазифа, масъулият, рисолат ва стратегияи худро интишор кунанд.

3) МОА бояд дар доираи ваколатҳои худ стандартҳо, равандҳо ва усулҳои аудити воқеъӣ ва шаффофро истифода баранд ва ҷонибҳои манфиатдорро огоҳ кунанд, ки кадом стандартҳо ва усулҳо истифода мешаванд.

4) МОА бояд фаъолиятҳои худро тибқи қонун ва қоидаҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ

самаранок, самарабахш ва натиҷаноки идора кунанд ва дар мавриди зарурӣ дар бораи ин масъалаҳо ошкоро ҳисобот диҳанд.

5) МОА бояд аз ташхиси беруна гузаранд, аз ҷумла аудити берунии амалиёт гузаранд ва ин ҳисоботҳоро ба ҷонибҳои манфиатдор дастрас кунанд.

**ПРИНСИПИ 9: Таъмини идоракунии зарурии МОА**

1) МОА бояд принсипҳои хуби идоракуниро қабул ва татбиқ намоянд ва барои ин масъул бошанд.

2) МОА бояд ба таври даврӣ санҷишҳои мустақили фаъолияти худро, ба монанди «санҷиши баробар аз рӯи мақом»-ро гузаронанд.

3) МОА бояд сохтори дахлдори маъмурӣ ва ташкилӣ дошта бошанд, ки ба равандҳои идоракунӣ таъсири мусбӣ расонанд ва назорати босамари дохилиро таъмин кунанд.

4) МОА бояд ба таври мунтазам баҳодиҳии хавфи ташкилӣ дошта, арзёбии онро бо ташаббусҳои ба таври дуруст гузаронидашуда ва мунтазам назоратшаванда, масалан, тавассути функсияи дурусти аудити дохилӣ, пурра кунад.

**Принсипи 10: Татбиқи Кодекси одоби МОА**

1) МОА бояд кодекси ахлоқро[15] истифода барад, ки ба ваколатҳо ва шароити онҳо мувофиқ бошанд, масалан, Кодекси одоби 130 INOSAI.

2) МОА бояд меъёрҳои баланди ростқавлӣ ва одобро, ки дар кодекси рафтор ифода шудаанд, татбиқ намоянд[16]

3) МОА бояд сиёсатҳо ва расмиёти мувофиқро таҳия кунанд, то кафолат дода шаванд, ки кодекси рафтори дохилии МОА дарк ва риоя карда шаванд.

4) МОА бояд тарғиби арзишҳои асосии худро иҷро кунанд ва риояи одоби касбӣ бошанд.

5) МОА бояд тамоми паҳлӯҳои арзишҳои кори худ ва ӯҳдадориҳои этикаи касбиро истифода баранд, то ба дигарон намуна бошанд.

**ПРИНСИПИ 11: Кӯшиш кардан ба сифати баланди хизматрасониҳо[17]**

1) МОА бояд сиёсат ва қоидаҳоеро таҳия кунанд, ки фарҳанги дохилиро тарғиб кунанд ва сифатро ҳамчун асоси фаъолияти худ эътироф кунанд.

2) Принсипҳо ва тартиботи МОА бояд талаботеро дар бар гиранд, ки ҳамаи кормандон ва ҳама тарафҳои аз номи МОА коркарда ба талаботи дахлдори ахлоқӣ мувофиқ бошанд

3) Принсипҳо ва тартиботи МОА бояд муайян кунанд, ки МОА танҳо он кореро иҷро

мекунад, ки ба он салоҳиятдор аст.

4) МОА бояд барои иҷрои кори худ тибқи стандартҳо ва дигар талабот дорои захираҳои кофӣ ва зарурӣ бошанд, аз ҷумла дастрасии фаврӣ ба машваратҳои мустақили беруна дар ҳолатҳои зарурӣ

5) Принсипҳо ва тартиботи МОА бояд талаботро барои таъмини сифати муттасили кор ва масъулият барои назорат ва бознигарӣ ба назар гиранд.

6) МОА бояд механизми мониторингро барои таъмини мувофиқат, кифоя ва фаъолияти самарабахши системаи назорати сифат дар соҳаи МОА, аз ҷумла раванди тасдиқи ин сифат, таъсис диҳанд

**ПРИНСИПИ 12: Вусъат додани иқтидор тавассути мусоидат ба омӯзиш ва мубодилаи таҷриба**

1) МОА бояд ба рушди мунтазами касбӣ мусоидат кунад, ки ба рушди инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ташкилӣ кӯмак намояд.

2) МОА бояд стратегияи рушди касбӣ, аз ҷумла омӯзиш, бо назардошти сатҳи ҳадди ақали тахассус, таҷриба ва салоҳият, ки барои анҷом додани кори МОА заруранд, дошта бошад.

3) МОА бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки кормандон салоҳияти касбӣ дошта бошанд, аз ҷониби ҳамкорон ва роҳбарият ҳангоми иҷрои кор дастгирӣ карда шавад.

4) МОА барои мубодилаи таҷриба ва эҷоди тавонмандӣ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳо ташвиқ кардан зарур аст.

5) МОА бояд ба кори ташкилотҳои дигар, аз ҷумла дигар МОА, INTOSAI ва гурӯҳҳои кории минтақавии дахлдор такя кунанд.

6) МОА бояд кӯшиш намояд, ки бо касбҳои аудиторӣ барои такмилдиҳӣ ҳамкорӣ кунанд.

7) МОА бояд дар корҳои INTOSAI иштирок кунанд ва бо дигар МОА ва муассисаҳои дахлдор дар бораи мушкилоти пайдошуда огоҳ бошанд ва барои мубодилаи таҷрибаҳо ба манфиати дигар МОА мусоидат кунанд.

## Замимаи А

Доираи таъсири МОА ба ҳаёти шаҳрвандон аз МОА вобаста аст

Тарҷума:

1. Таҳкими принсипҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва покви҇донӣ дар муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ

2. МОА, тахсири мусоид ба ҳаёти шаҳрвандон
3. Нишон додани аҳамияти доимӣ ба шаҳрвандон, Парлумон ва дигар шахсони манфиатдор
4. Нуфузи ташкилоти намунавӣ, ки ба дигарон намуна мебошад.

# Замимаи Б

12 принсипҳои аҳамият ва бартарии МОА аз рӯи ҳар кадом се мақсад:

**Тарҷумаи принсипҳо;**

- Принсипи 1 Ҳифзи мустақилияти МОА
- Принцсипи 2 Амалӣ намудани аудитҳо барои таъмини ҳисоботдиҳии муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ ҳангоми идоракунӣ ва истифодабарии захираҳои давлатӣ
- Принсипи 3 Ваколатдор намудани мақомоте, ки сектори давлатиро идора менамоянд, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои вокуниш ба натиҷаҳои аудитҳо ва ба назар гирифтани тавсияҳои МОА, ҳамчунин тадбиқи чорабиниҳои ислоҳкуниро доранд.
- Принсипи 4 Пешниҳоди ҳисоботҳо оиди натиҷаҳои аудит, ки дар асоси онҳо ҷамоа имконият дорад ҳисоботҳоро аз муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ талаб намояд.
- Принсипи 5 Имконияти вокуниш ба муҳити тағйирёбанда ва хавфҳои бамиёномада
- Принсипи 6 Ҳамкории самаранок бо тарафҳои манфиатдор
- Принсипи 7 Нуфузи дорои боварӣ будани сарчашмаи маълумотҳо ва тавсияҳои мустақил ва объективона, ки ба тағйиротҳои муфид дар сектори давлатӣ мусоидат менамоянд.
- Принсипи 8 Таъмини шаффофияти дурусти МОА
- Принсипи 9 Таъмини идоракунии зарурии МОА
- Принсипи 10 Иҷрои кодекси ахлоқи МОА
- Принсипи 11 Кӯшиш намудан ба сифати баланди хизматрасониҳо
- Принсипи 12 Тақвияти иқтидор тавассути мусоидат намудан омӯзиш ва мубодилаи таҷриба

Таҳкими принсипҳои ҳисоботдиҳӣ, шафофият ва поквиҷдонӣ дар муассисаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ
**МОА – таъсири мусоид ба ҳаёти шаҳрвандон**
Нишон додани аҳамияти доимӣ барои шаҳрвандон, Парлумон ва дигар шахсони манфиатдор
Нуфузи ташкилоти намунавӣ, ки барои дигарон намуна мебошад.